# ТАҚРИЗ

ба автореферати кори диссертационии Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзӯи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар кишти ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои пешниҳод ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01. -зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Зироатҳои биоиқлимии ноияҳои ҷумҳурӣ дар шароити риояи қатъии интизоми технологӣ, дар муҳлат муайян гузаронидани кишт ва ҷамъоварии ҳосил ва инчунин интихоби мувофиқи навъу дурагаҳо шароит фароҳам меоваранд, ки аз ҳар як гектари заминҳои корами обёришаванда дар як сол ду ҳосили дон рӯёнида шавад.

Барои рӯёнидани ҳосили баланд дар киштҳои ангорӣ омӯзиши навъ ва дурагаҳои мухталифи ҷуворимакка, ки дар давраи кӯтоҳтарини нашъунамо ҳосили баланди дон ва баргу пояи сабзро пойдор мегардонанд, аҳамияти калонро доро мебошад.

Дар заминҳои обии ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ бештар киштҳои тобистонаи такрории ҷуворимакка баъди дарави ҳосили барвақтии сабзавотҳо, ғаллагиҳои хӯшадор паҳн шудаанд. Ҳангоми кишти ангории ҷуворимакка сабзишу инкишофи растанӣ ба рӯзҳои кӯтоҳи офтобӣ рост меояд, ки ин ба гузариши тези давраҳои аввали инкишофи он мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи ин давраи нашъунамои ҷуворимакка дар куиштҳои ангорӣ нисбат ба киштҳои асосии баҳорӣ кӯтоҳтар мешавад.

Мавзӯи кори диссертатсионии Аламуратов Бахтиёр Боронович ба самтҳои таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, он ба консепсияҳои сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон №658 аз 31 декабри соли 2008 оид ба рушди таъминоти илмии комплекси агросаноатии мамалакат равона гардидааст, мувофиқ мебошад.

Мақсади таҳқиқот аз интихоби навъҳои мухталифи ҷуворимакка ва муайян намудани зичии оптималии ниҳолҳо дар кишти ангорӣ иборат мебошад.

Аламуратов Б.Б. бори аввал дар шароити заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб хусусиятҳои сабзишу инкишоф ва маҳсулнокии навъҳои нави ҷуворимаккаро вобаста ба зичии ниҳолҳо дар кишти ангорӣ муайян намудааст.

Натиҷаи таҳқиқоти биёрсола ва санҷишҳои истеҳсолӣ собит намудааст, ки дар киштҳои ангории ҷуворимакка навъҳои Аскар, Зоҳир ва Шӯҳрат бо зичии ниҳолҳо дар доираи 50 ҳаз/га навъи Дилшод 60 ҳаз/га аз ҳар як гектар мутаносибан 3910,5; 3314,6 ва 4655,6 сомонӣ даромади соф ба даст оварда шудааст.

Бинобар ин рисолаи илмии Аламуратов Б.Б. дорои ҷабҳаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалии натиҷаҳои ба дастовардашуда, ба талаботи КОА и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ҷавобгӯ мебошад.

ПӮЛОТОВ ЯРАШ ЭРГАШЕВИЧ – мудири шӯъбаи технологияи инноватсионӣ ва тадқиқотҳои илмию-маърифатии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисос (06.01.02 – мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи замин), профессор аз руи ихтисоси 06.01.02. – мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи замин, аъзои хориҷии Академия илмҳои Русия, профессори фахрии Академияи Оксфорди Британияи Кабир, Арбоби илм ва техникаи Академияи илмҳои табиатшиносии Русия.

Имзои Я.Э. Пулатовро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳои Институт Холназарова З.

Суроға: 734025. г.Душанбе, ул. Бофанда 5/2

E-mail: tj_water@mail.ru

Тел: +992 111177556